ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИИ ТАКРОРИИ

Шурои диссертатсионии 6D КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

дар хусуси диссертатсияи номзадии Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзуи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10. 02. 20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ.

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайъати раис Шокиров Туғрал Сироҷович - доктори илми филология; аъзоён Ҳомидов Дилмурод Раҷабович- доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Расулов Суҳайлӣ Миркозиевич - доктори илми филология, дотсент, сардори шуъбаи сифати таҳсилоти МДТ-и «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» доир ба такроран қабул намудани диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна дар мавзуи «Робитаҳои дуҷонибаи забонҳои тоҷикиву англисӣ (дар сатҳи лексика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10. 02. 20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ барои ҳимоя ва муайян намудани таърихи дифоъ.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом дода шуда, дар ҷаласаи он (қарори № 6-ум аз 26-уми январи соли 2022-юм) такроран мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Диссертатсияи номзадии Ҳикматуллоева Н. А. ба робитаи унсурҳои луғавии ду забони ба ҳамдигар хеши ҳамбунёд бахшида шудааст.

Мақсад аз баррасӣ намудани луғоти забонҳои тоҷикиву англисӣ муайян кардани дараҷаи таъсири ду забонест, ки сарчашмаашон забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ маҳсуб меёбад. Ба риштаи таҳлил кашидани ин масъала дорои аҳамияти калони илмиву амалӣ буда, арзёбӣ кардани он боиси собит гардидани алоқаи куҳани ҳар ду забони муқоисашаванда хоҳад шуд. Мубрамиву муҳиммии мавзуи диссертатсияи номзадии Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна маҳз дар таҳлили муқобалавии лексикаи ҳар ду забони мавриди қиёс ифода меёбад.

Ҳадафи асосии диссертатсия нишон додани сатҳи таъсири ҳар ду забони мавриди муқоиса ба ҳамдигар, инчунин раванди мутобиқ шудани вожаҳои ба якдигар духулкарда ба қонуни қоидаи ин забонҳо буда, мақсад гузошта шудааст, ки миқдор ва вижагиҳои истифодаи ҳамвожаҳо (изоглоссҳо), дараҷаи аз асл тафовут намудани онҳо ошкор карда шавад.

Аз мутолиа ва мавриди муҳокимаи комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қарор гирифтани диссертатсияи Ҳикматуллоева Наимахон Анварҳоҷаевна нишон медиҳад, ки масъалаи робитаи дутарафаи забонҳои тоҷикиву англисӣ дар мисоли унсурҳои иқтибосӣ ва ҳамвожаҳо дар забоншиносии тоҷик ба таври комил бори нахуст ба риштаи таҳлил кашида мешавад. Агар иқтибосҳо аз иртиботи қавии ду халқи ҳиндуаврупоинажод дар тӯли замону макони пурвусъат дарак диҳад, пас ҳамвожаҳо инъикоскунандаи аз як сарчашма: забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ ибтидо ёфтани забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аст.

Дар боби аввали диссертатсия мавсум ба «Корбурди вожаҳои тоҷикӣ дар забони англисӣ», ки аз панҷ фаслу сездаҳ зерфасл иборат аст, унвонҷӯ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дараҷаи корбурд ва

вижагиҳои истифодаи калимаҳои тоҷикиро дар забони англисӣ матраҳ кунад. Аз далели фаровони гирдоварда муаллифи диссертатсия ба хулосае омадааст, ки чунин вожаҳо аз лиҳози дараҷаи истифодаашон дар ҳама даврон, аз ҷумла замони ҳозира ба ду навъ: дар айни ҳол ба ҳукми фаромӯшӣ рафта ва имрӯз низ гардиши фаъолдошта ҷудо мешаванд. Аз таснифи ин гуна унсурҳои луғавӣ муаллиф ба натиҷае расидааст, ки онҳо аз ҷиҳати мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ низ ягона набуда, ба исм, сифат, феъл ва калимаҳои ёвар ҷудо мешаванд ва аз байни онҳо вожаҳои мансуб ба исм бо фаровонии худ фарқ мекунанд. Зиёд будани калимаҳои мутааллиқ ба исми дар даврони баъдӣ маъмул назар ба матрук аз ин нукта пайдост, ки онҳо гуруҳҳои мухталифи маъноиро дар бар гирифта, ифодакунандаи номи матоъву мафҳумҳои ба он вобаста, сангҳои қимат, мафҳумҳои алоҳидаи тиббӣ, ҳайвоноту паранда, наботот, дарахту гулу гиёҳ, макон, вазифа, мақом ва мафҳумҳои ба онҳо рабтдошта ҳастанд.

Дар байни вожаҳои ҳам ба исми матрук, ҳам маъмул мансуб онҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ба шакли ибтидоияшон гоҳо наздик ва гоҳи дигар аз он дур шуда, доираи маъноияшон низ гоҳ фарох ва гоҳ маҳдуд шудааст.

Дар диссертатсия андешаронии унвончӯ дар мавриди дар худи забони асл дар тӯли ҳазорсолаҳо ба таҳаввулоти маъноӣ дучор шудани баъзе унсурҳои луғавии аслии тоҷикии ба забони англисӣ роҳёфта, аммо дар забони англисӣ то имрӯз ба ҳамон маънои дар ибтидо маҳфузмондаашон таваҷҷуҳро ба худ мекашад.

Ҳамин тарзи таҳлилро унвончӯ ҳангоми баррасӣ кардани вожаҳои ифодакунандаи аломату хусусият, амалу ҳолат низ пеш гирифта,
таъкид менамояд, ки бо вуҷуди аз лиҳози миқдор дар қиёс бо калимаҳои мансуб ба исм кам буданашон онҳо вижагиҳои аҷибу ғайриоддӣ доранд, ки исмҳо аз чунин хусусият маҳрум мебошанд.

Ҳангоми таҳлил муаллифи диссертатсия вазифаи миёнаравии забони тоҷикиро дар иқтибоси калимаҳои забони бегона ба риштаи таҳлил кашида, онро ҳамчун забони таҳвилкунандаи вожаҳои забонҳои

дигари дунё нишон додааст ва дар бораи бист калимаи дар асл ҳиндӣ, аккодӣ, ҳомӣ, чинӣ, муғулӣ, оромии аввал ба тавассути забони тоҷикӣ ва баъдан ба воситаи чанд забони дигари ҷаҳон ба забони англисӣ роҳёфта назари худро изҳор намудааст.

Муаллиф дар такя ба фарҳангномаҳои решашиносӣ бо мақсади эътимод бахшидан ба андешаҳояш ҷаҳонгард будани бархе аз унсурҳои луғавиро ошкор кардааст.

Ҳикматуллоева Н. А. дар дувоздаҳ фасли боби дуюми диссертатсия, ки "Корбурди вожаҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ" ном дорад, баръакси боби нахустин усулҳои воридшавии калимаҳои англисиро ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ баррасӣ намуда, вуруди бештари онҳоро ба тавассути забони русӣ дар замони шуравӣ таъкид намудааст ва бо мақсади нишон додани соҳаҳои мухталифи ҳаётро инъикоснамоияшон чунин вожаҳоро ба гуруҳҳои маъноии зерин: номҳои нақлиёти баҳрию барӣ ва техникаи кишоварзӣ, бозиҳои варзишӣ, вожаҳои марбут ба тиҷорат, номҳои пеша, шуғл, вазифа, асбобҳои рӯзгор, дастгоҳҳо, воситаҳои алоқа, таълим, хӯроку нӯшокӣ, ҷой, манзил, вожаҳои марбут ба мафҳумҳои ҳарбӣ, матоъ, либос, пӯшок, рустаниҳо, ҳайвоноту парандаҳо ва мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд, номи мафҳумҳои мухталиф ва монанди инҳо дастабандӣ кардааст.

Дар натиҷаи истифодаи усули омории таҳқиқ унвончӯ дараҷаи корбурди вожаҳои ҳар кадом гуруҳи луғавӣ-маъноиро ҳисоб карда, муайян намудааст, ки аз байни онҳо теъдоди бештарро унсурҳои луғавии ифодакунандаи номҳои нақлиёти баҳрию барӣ ва техникаи кишоварзӣ (27 адад), вожаҳои марбут ба мафҳумҳои мухталиф (15 адад), номҳои пеша, шуғл, вазифа (15 адад), асбобҳои рӯзгор, дастгоҳҳо (10 адад), бозиҳои варзишӣ (10 адад), вожаҳои марбут ба тиҷорат (10 адад) ташкил мекунанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасӣ дар баробари эътибор додан ба ҷиҳати маъноии ин гуна вожаҳо, мисли вусъат ё костани маъноияшон, гузаришашон аз исми хос ба ҷинс, феъл ба шумор

омадани асли бархе исмҳо ва м. инҳо, инчунин як самти таваҷҷуҳашро ба гунаҳои ибтидоиву интиҳоии онҳо низ равона карда нишон додааст, қисме аз онҳо дар оғоз ҳамчун вожаи мураккаб ё ибора гардиш дошта, дар даврони баъдӣ ба сифати калимаи сода ба кор рафтаанд.

Боби 3-юми диссертатсия "Ҳамвожаҳои тоҷикиву англисӣ" фарогири чаҳор фаслу понздаҳ зерфасл буда, дар чунин фаслу зерфаслҳо унвонҷӯ чаҳор навъи ҳамвожаҳо: 1) ҳамвожаҳои дар давраи куҳани инкишофи забони англисӣ мавҷуда; 2) ҳамвожаҳои дар даврони куҳан ва нави инкишофи забони англисӣ вуҷуддошта; 3) ҳамвожаҳои дар даврони миёнаву нави инкишофи забони англисӣ истифодагардида; 4) ҳамвожаҳои дар давраи нави инкишофи ҳар ду забон мустаъмал тақсим намуда, вижагиҳои корбурди онҳоро дар ҳар даврони таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ ва муқоисаи ин гуна ҳамвожаҳо диссертант муайян кардааст, ки аз байни ҳар чаҳор навъи онҳо теъдоди бештарро ҳамвожаҳои дар давраҳои қадиму нав (17 адад) ва танҳо нав (144 адад) истифодашаванда дар бар гирифта, мисли вожаҳои иқтибосии тоҷикиву англисӣ қисми аз ҳама зиёдашонро ҳамвожаҳои мансуб ба исм (91 адад) дар бар мегиранд ва баъдан феъл (24 адад)-у сифатҳо (15 адад) ташкил менамоянд.

Маълум мегардад, ки миқдори бештари ҳамвожаҳоро унсурҳои луғавии марбут ба исму феъл дар бар гирифта, ба сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ва калимаҳои ёвар алоқаманд каманд.

Дастабандӣ кардани ҳамвожаҳои мансуб ба исм ба унвонҷӯ имкони муайян кардани миқдори гурӯҳҳои маъноияшонро фароҳам овардааст ва аз таҳлили оморӣ маълум кардааст, ки теъдоди бештари ин гуна ҳамвожаҳо дар ифодаи номи ҷонварони хонагиву ваҳшӣ, парандаву хазандаҳо (10 адад), узвҳои бадани инсону ҳайвон (11 адад), вожаҳои марбут ба мафҳумҳои маънӣ (10 адад) ва мухталиф (12 адад) меоянд.

Унвонҷӯ ба хотири бештар мушаххас гардидани решаи аслии чунин ҳамвожаҳо дар пайравии муҳаққиқони решашинос (этимолог)

нахуст асли дар забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ вуҷуддоштаашонро нишон дода, баъд зуҳури аломатҳои нав ба нави шаклу маънояшонро дар шохаҳои германӣ ва эронии забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ баррасӣ кардааст. Аз таҳқиқи ин ҷиҳати масъала унвончӯ ба хулосае омадааст, ки аз ҳама беш онҳо дар даврони нави инкишофи ҳар ду забон дучори таҳаввулоти шаклу маъно гардидаанд. Таҳаввулоти чунин ҳамвожаҳо дар он зоҳир мешавад, ки бархе аз онҳо дар яке аз забонҳо ба як маънои мушаххас, вале дар забони дигар ба чанд маъно, иддае дар яке дар ду ё беш аз он мувозӣ, дар дигаре ба чанд қарина истифода шудаанд. Ҳамин тариқ, гуруҳе аз ҳамвожаҳо дар яке аз ин гуна забонҳо як давраи муайян гардиш дошта, баъдан матрук, аммо дар дигаре ҳамчун вожаи фаъол мавриди истифода қарор гирифтаанд, ё дар яке аз забонҳо аз асли худ басо дур рафта, шаклу маънояшон низ дучори дигаргунӣ шудааст, дар дигаре то андозае ба гунаи ибтидоӣ шабоҳат доранд.

Аз пажуҳиши Ҳикматуллоева Н. А. бармеояд, ки то имрӯз ба ҷуз вожаҳои мансуб ба исми дар ҳар ду забон мавҷуда ҳамвожаҳои мансуб ба сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ва калимаҳои ёвар низ ба мушоҳида мерасанд. Ҳангоми ба риштаи таҳлил кашидани ҳамвожаҳои ба сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ва калимаҳои ёвар мансуб низ муаллиф низоми фавқи пажуҳишро идома дода, онҳоро ҳам аз лиҳози шакл, ҳам маъно таҳқиқ намудааст ва ба дараҷаи мухталиф таҳаввул ёфтанашонро муайян кардааст.

Дар қисми хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳлилашро зикр намудааст.

Ҳамин тавр, унвончӯ вазифаҳои дар наздаш гузоштаро хуб ҳаллу фасл намудааст, барои баррасии масъалаи робитаҳои дуҷонибаи ҳар ду забон маводи зарурирро ҷамъ овардааст, вижагиҳои корбурди иқтибосҳои тоҷикиро дар англисӣ ва, баръакс, англисиро дар тоҷикӣ муайян намудааст.

Ҳикматуллоева Н. А. барои анҷом додани диссертатсияаш маводи фаровонеро аз ҳар ду забон: тоҷикӣ ва англисӣ гирд овардааст, осори таҳқиқии ба рисолааш марбутро истифода кардааст.

Асоснокиву амиқии таҳлил ва хулосаҳои аз он бардоштаи унвончӯ гувоҳи он аст, ки номбурда солиён ва самаранок доир ба мавзуи пажуҳишаш кор кардааст.

Мазмуну муҳтавои диссертатсияи Ҳикматуллоева Н. А. дар 11 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия интишор ёфтаанд.

Дар қатори дастовардҳо дар диссертатсия баъзе ғалатҳо ва мавридҳои баҳснок дида мешаванд:

1. Унвончӯ ҳангоми иқтибоси баъзе калимаҳои забонҳои дигари ҷаҳон нақши забони тоҷикиро ҳамчун забони миёнарав қайд менамояд, ки баҳснок аст.
2. Диссертант ҳангоми дахл кардан ба этимологияи калимаҳои мансуб ба тоҷикӣ онҳоро муфассал эзоҳ медиҳад, вале чунин усули ташреҳ на ҳамеша риоя мешавад.
3. Муаллиф ҳам дар қисми вожаҳои иқтибосии тоҷикӣ, ҳам ҳамвожаҳо дар қатори калимаҳои мустақилмаъно баъзан вожаҳои ёварро низ ба риштаи таҳлил кашидааст. Хуб мешуд, ки дар чунин мавридҳо аз таҳлили унсурҳои ёвар даст кашида шавад.
4. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ ва равон таълиф шудааст, вале баробари ин боз ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобат мушоҳида мешаванд (ниг. с. 6, 31, 78, 97-98...).

Эътимоднокиву асоснокии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва нуктаҳои назариявии дар диссертатсия мавҷуда боиси шубҳа буда наметавонанд.

Автореферат ва мақолаҳои доир ба мавзуъ таълифнамудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Ҳикматуллоева Н. А. таҳқиқоти мустақил ва анҷомёфта ҳисоб ёфта, аҳамияти илмиву амалӣ дорад ва барои ҳалли нуктаҳои баҳсноки робитаи забонҳо мусоидат менамояд.

Бино ба мазмуну муҳтаво, навоварии таҳқиқ, аҳамияти илмиву амалияш рисолаи мазкур ҷавобгӯи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таълифи диссертатсияҳои номзадӣ буда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10. 02. 20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя метавон пешниҳод намуд.

Комиссияи ташхис забоншиносони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотияшон ба ихтисоси 10. 02. 20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1.**Муқарризи расмии аввал**-доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" **Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович**

2.**Муқарризи расмии дуюм**- номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» **Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович**

Муассисаи тақриздиҳанда-Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода".

Раиси комиссияи ташхиси Шурои дифоъ:
доктори илми филология,
дотсент **Шокиров Т. С.**

Аъзои комиссияи ташхиси Шурои дифоъ:
доктори илми филология,
профессор **Ҳомидов Д. Р.**

Аъзои комиссияи ташхиси Шурои дифоъ:
доктори илми филология,
дотсент **Расулов С. М.**

Имзоҳои раиси комиссияи ташхиси Шурои дифоъ доктори илми филология Шокиров Т. С. ва аъзоёни он Ҳомидов Д. Р. ва Расулов С. М.-ро тасдиқ менамоям.

Котиби илмии Шурои дифоъ,
номзади илми филология, дотсент **Шарипова М. З.**

15. 04. 2022.